Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи **«Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 28 саҳ).**

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо" яке аз масъалаҳои мубрами илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Дар адабиёти илмии замони шуравӣ ба мавзуи функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ чандон таваҷҷуҳ зоҳир намешуд. Дар натиҷаи чунин муносибат дар илми ҳуқуқшиносӣ мафҳуми ягона вобаста ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳия ва пешниҳод нашудааст. Мутаассифона, бо ин далел, масъалаҳои мубрами функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳалли худро пурра наёфтааст, ҳарчанд дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ он мавриди таҳлил қарор гирифта, олимони тоҷик мафҳумҳои гуногуни функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро пешниҳод намудаанд.

Функсия маънои амалӣ кардан ва иҷро намудани вазифаҳои муайянеро ифода мекунад. Вобаста ба ҷавобгарӣ, он тобиши каме дигарро ба худ касб намудааст. Яъне, маҷмуи самтҳои таъсиррасонӣ мебошад. Худи калимаи «функсия» аз вожаи лотинии «functio» – амалисозӣ ибтидо мегирад. Ба маънои мафҳуми умумӣ, «функсия» маънои амал, вазифа, накш дар робитаҳои «дохиливу берунии низоми мазкур"-ро ифода мекунад, ки устувории нисбӣ ва ҳамгироии

муштаракро бо дигар низомҳо таъмин менамояд». Аз нигоҳи назарияи давлат ва ҳуқуқ калимаи функсия дар бештари маврид ҳамчун самт, мавзуъ ва муҳтавои фаъолияти давлатӣ-ҳуқуқӣ маънидод мешавад, ки он нақши иҷтимоии давлат ва ҳуқуқро ифода менамояд. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонад ба сифати чораи ҷаримавие баромад намояд, ки дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии танзимшавандаи ба огоҳсозӣ ва рафтори субъект бо мақсади тобеъсозии он бо муқаррароти меъёрҳои ҳуқуқӣ амалӣ гардонида мешавад.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқи масъалаи функсияҳои ҷавобгарӣ ва амалисозии онҳо тибқи қонунгузории ҶТ аҳаммияти бузурги илмию амалӣ дорад, зеро самаранокии механизми ҳифзи ҳуқуқ маҳз аз таҳқиқи илмии онҳо вобаста мебошад. Ҳамин тавр, гуфтаҳои боло бори дигар мубрамияти масъалаи таҳқиқшавандаро тасдиқ мекунанд.

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола зикр шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳавӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ, мадании, маъмурӣ, меҳнатӣ ва конститутсионӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, таълим дар самти назарияи давлат ва ҳуқуқ, соҳаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва ғайра истифода шаванд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 2 воситаи таълимӣ, 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эроди зеринро пешниҳод менамоем:

1. Муаллифи диссертатсия зимни таҳлили функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ таносуб ва фарқияти онро бо функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ нишон надодааст. Хубтар мешуд, ки

ҳангоми таҳлили функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ таносуб ва фарқияти онро бо функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ асоснок менамуд.

Бояд зикр намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки саҳми муаллифро дар таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни масъалаҳо нишон медиҳанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсия Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Мудири кафедраи ҳуқуқи факултети
таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Қозиён Ш.Қ.

Имзои Қозиён Ш.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Мустафозода А.

**Суроғаи муқарриз:** 734003, Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Рӯдакӣ, 121.
Тел: 372 24 1383,
Email: info@tqpu.tj
«19» марти 2024 с.